ТДУ: 338.242

# ХУСУСИЯТ, ҲАДАФ, МУАММОҲОИ ТАШКИЛ ВА ДУРНАМОИ РУШДИ ТЕХНОЛОГИЯИ РАҚАМӢ ДАР НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ ИҚТИСОДИИ ДАВЛАТ

**Валиев Ф.Ҷ. -** докторанти ДССХ

***Калимаҳои калидӣ:*** *технологияи рақамӣ, рақамисозӣ, ҳукумати электронӣ, идоракунии давлатӣ.*

Тоҷикистони имрӯзаро марҳилаҳои рушди иқтисодиёти рақамӣ фаро гирифта истодааст, ки таҳти назорат ва идора қарор додани онҳо барои рушди давлату миллат, корхонаву ташкилотҳо ва оилаҳо низ бениҳоят муҳим мебошад. Иқтисоди рақамӣ як ҷузъи ҷудонашаванда ва муҳимтарини технологияи рақамӣ ба ҳисоб рафта, обеъкти асосии омӯзиши мақола мебошад. Пеш аз он ки ғояҳои умда ва асосии мақола баррасӣ карда шавад, бояд муайян намоем, ки худи иқтисоди рақамӣ чист? То ҳол мафҳум ва моҳияти иқтисоди рақамӣ хусусияти номуайяниро ба худ касб намуда, ба таври бояду шояд маънидод нагардидааст. Бо вуҷуди ин якчанд таъриф ва фарзияиҳои ин мафҳумро, ки аз тарафи олимони барҷаста пешниҳод гардидаанд, дида мебароем.

| | |
|---|---|
| Владимир Иванов - доктори илмҳои иқтисодӣ , узви вобастаи АИ Русия | Иқтисоди рақамӣ як муҳити маҷозист, ки воқеияти моро пурра мекунад |
| Мещеряков Роман — профессори Академияи илмҳои Русия, доктори илмҳои техникӣ , муовини ректор оид ба корҳои илмӣ ва инноватсионии давлати Томск | Равиши аввал "классикӣ " аст: иқтисоди рақамӣ иқтисодиётест, ки ба технологияҳои рақамӣ асос ёфтааст ва дар айни замон тавсиф додани танҳо соҳаи молҳо ва хидматҳои электронӣ дурусттар аст. Усули дуввум усули васеъ аст: "Иқтисоди рақамӣ " ин истеҳсоли иқтисодӣ бо истифодаи технологияҳои рақамӣ мебошад. |
| Александра Энговатова-доктори илмҳои иқтисодӣ , дотсенти кафедраи иқтисодиёти инноватсионии факултаи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов, | Иқтисоди рақамӣ иқтисодиётест, ки ба усулҳои нави тавлид, коркард, нигоҳдорӣ , интиқоли маълумот ва инчунин технологияҳои рақамии компютерӣ асос ёфтааст. |

Бо такя бо баёнишҳои зикргардида, нуқтаи назари худро оиди масъалаи мазкур чунин муайян менамоем. Иқтисоди рақамӣ маҳсули фаъолияти инсон буда, иқтисоди аналогиро тавассути ворид намудани технологияҳои электронӣ беҳтар менамояд. Бояд қайд кард, ки низоми нави рақамӣ ба ҳукумат имконият медиҳад, ба масъалаҳои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандон расидагӣ намуда, онро сариваќт ҳал намояд. Ҳоло иқтисоди рақамӣ беш аз пеш ба тамоми соҳаҳои ҷомеа ворид гашта, қисми ҷудонашавандаи иқтисодиёти аналогӣ ва ҳаёти инсонӣ ба ҳисоб меравад.

Вазифаи асосии ташкил ва рушди иқтисоди рақамӣ дар Тоҷикистон баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагӣ, таъмини рақобатпазирии кишвар ва амнияти миллӣ мебошад, ки самтҳои асосии ташаккулёбии он дар ҷадвали зерин оварда шудааст.

Имрӯз Тоҷикистон метавонад, аз лаҳзаи мусоид барои сармоягузорӣ ба рақобатпазирии ояндаи ширкатҳо, соҳаҳо ва дар маҷмӯъ иқтисоди миллӣ истифода барад. Ҳадафи дилхоҳро танҳо дар сурате ба даст овардан мумкин аст, ки агар ширкатҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ пеш раванд - зуд мутобиқ ва татбиқ кардани пешрафти технологӣ, ҳамкории фаъолона бо ҳам, бо ҷомеаи технологию илмӣ ва шарикони беруна, инчунин пайваста санҷидани амали онҳо мутобиқи ниёзҳо, афзалиятҳо ва одатҳои истеъмолкунандагон мебошад.

Ҳоло ниҳоят муҳим аст, ки суръати тағйиротро суст накарда, ба якчанд унсури бунёдӣ диққат диҳем. Дар шароити автоматикунонии шумораи афзояндаи амалиётҳо, ки боиси тамоман аз байн рафтани як қатор ихтисосҳо ва норасоии азими мутахассисони дорои малакаҳои рақамӣ гаштанд, зарур аст, ки инфрасохтори таълимӣ ба талаботи нав мутобиқ карда шавад.

| **Самтҳои ташаккулёбии иқтисоди рақамӣ** |
|---|
| Таҳияи заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ барои иқтисоди рақамӣ |
| Эҳоди зерсохтори зарурӣ барои рушди иқтисоди рақамӣ |
| Хустуҷӯ ва дарёфти таҳқиқот |
| Омӯзонидани кадрҳои зарурӣ дар самти ТИ |
| Гузариши сохторҳои давлатӣ аз усули анъанавии идоракунӣ ба ҳукумати электронӣ |
| Истифода ва татбиқи технологияҳои рақамӣ дар систмаи тандурустӣ |
| Такмил додани системаи маориф бо нигарониш ба иқтисоди рақамӣ |
| Таъмини амнияти иттилоотӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ |
| Ташкили шаҳри ҳушманд ва таъмини инфрасохтори рақамии зарурӣ |

**Tapscott D. Macrowikinomics: Rebooting Business and the World / D. Tapscott, A.D. Williams. N.Y.**

Таъсиси платформаҳо барои муколамаи корӣ байни давлат ва намояндагони соҳаҳо ба баланд бардоштани самаранокии қабули қарорҳо оид ба масъалаҳои асосии рушди рақамӣ мусоидат мекунад.

Фаҳмиши технологияи рақамӣ, хоҳиш ва омодагӣ ба истифодаи усулҳои нави ҳалли мушкилот, баҳодиҳии хавф, таҷриба, эҷоди робитаҳои пурарзиши иҷтимоӣ ва шарикӣ – тиҷоратӣ ҳарчӣ бештар хусусиятҳои муҳими муваффақияти шаҳрвандон ва ширкатҳо дар шароити технологияи рақамӣ мебошад.

Омӯзиши фаъоли "таҷрибаҳои муваффақ" - и хориҷӣ, қобилияти аз онҳо омӯхтан ва мутобиқ кардани моделҳои самараноки тиҷоратӣ, технологияҳо, равандҳо, маҳсулоти тайёр, усулҳои идоракунӣ ва дигар таҳаввулот бояд барои шароити Тоҷикистон василаи хеле муассири рақамисозии иқтисод гардад.

Бомуваффақият ва зуд тадбиқнамоии тактикаҳо навад фисади самаранокии фаъолиятро таъмин мекунад. Барои ширкатҳои бузургтарин на танҳо омӯхтани усулҳои самаранокӣв, зуд мутобиқшавӣ ва тадбиқнамоии қарорҳо ва хидматҳои платформавӣ, балки дар ташаккули бозор фаъолона ширкат варзидан ва аз дигар бозингарони соҳа ва таҳиягарони ҳалли масъалаҳо тавсия гирифтан мувофиқи мақсад аст.

Ҳар як кишваре, ки дар эҷоди иқтисоди рақамӣ муваффақ аст, таърихи худро дорад ва дар рушди тамоми ҷанбаҳои он пешвои мутлақ нест. Олмон пешрави технологияи саноатӣ мебошад.

Дар ин ҷо тақрибан 10% аҳолӣ дар соҳаҳои технологии баланд кор мекунанд, ки ин нисбат ба Тоҷикистон тақрибан ду баробар зиёд аст. Барои Олмон нақши марказии давлат дар маблағгузории лоиҳаҳои умедбахши рақамӣ хос нест; давлат вазифаи асосии худро дар эҷоди қоидаҳои бозӣ, рушди таҳсилоти фундаменталӣ ва ҳавасмандгардонии таҳқиқот мебинад.

Кореяи Ҷанубӣ ва Ҷопон тавонистаанд, ки дар асоси корпоратсияҳои анъанавӣ (Samsung, LG, Toyota, Sony, Toshiba, SoftBank) бузургтарин ширкатҳои рақамиро таъсис диҳанд, ки дар онҳо навоварӣ ба вуҷуд меояд.

Ба шарофати ин навовариҳо, истифодаи ҳам хадамоти давлатӣ ва ҳам шахсони ҳуқуқӣ тавассути Интернет осонтар ва қулайтар гардид. Шартномаҳои онлайн дар сатҳи ҳукумат имзои электронии рақамиро истифода мебаранд, ки ин раванди бастани ин шартномаҳоро хеле содда мекунад. Дар навбати худ, ҳамаи шохаҳои ҳокимияти марказӣ ва инчунин ҳукуматҳои шаҳрӣ дар Интернет ҳисобҳо доранд, ки ба ин имкон медиҳад маълумоти гуногунро дар бораи фаъолият ва сохтори онҳо фаҳмида шавад.

Ҳамин тариқ, давлат мекӯшад, ки маълумотро дар бораи бахшҳои гуногуни давлатӣ дар пойгоҳи ягонаи иттилоотӣ ҷамъ оварад, то ин маълумот дастраси омма ва ба осонӣ назорат карда шавад.

Ҳамин тариқ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаитакмилдиҳии идоракунии молияи давлатӣ, яке аз масъалаҳои калидӣ мебошад ва бо дарназардошти амалигардии ислоҳот дар низоми иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат то андозае ба ҳадафи зикршуда дастрасӣ пайдо менамояд. Вазифаҳои стратегии такмилдиҳии идоракунии молияи давлатӣ бо шарти такмилдиҳии механизми танзимкунии давлатӣ ва баланбардории сифати хизматрасонии давлатӣ амалӣ хоҳад гашт.

Самтҳои асосии такмили идоракунии молияи давлатӣ инҳо шуда метавонанд:

- гузаронидани ислоҳоти институтсионалӣ ва ташаккули асосҳои институтсионалӣ барои беҳтар намудани идоракунии молияи давлатӣ;
- баланд бардоштани низоми молиявӣ дар сохторҳои давлатӣ ва ғайра.

Зикр кардан бамаврид аст, ки рақамисозӣ дар баробари ҷиҳатҳои мусбатии зикргардида, аз камбудиҳо низ орӣ нест. Ҳукумат барои татбиқи консепсияи чораҳои танзими ҳуқуқии иқтисоди рақамӣ бояд корҳои зиёдеро ба анҷом расонад. Намояндагони Вазорати рушди иқтисодии Тоҷикистон мегӯянд, ки воқеияти нави иқтисодӣ бо қобилияти сифатан хуб ва зуд ба ҳам омехтан ба равандҳои ҷаҳонии ташкили тартиби технологӣ муайян карда мешавад. Ҳангоми интиқол додани маълумоти шахсии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба воқеияти виртуалӣ, хавфи интишор ё ҷамъоварии ғайриқонунии ин маълумот вуҷуд дорад. Ин метавонад на танҳо ба аз даст додани қудрат, балки боиси аз даст додани салоҳият ва эътимоди шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ гардад.Инчунин, яке аз нуқсонҳои рақамисозӣ дар бахши давлатӣ криптовалют мебошад. Зеро то ба имрӯз дар Тоҷикистон низоми танзим ва андозбандии криптовалютҳо таҳия нагардидааст. Азбаски муомилот бо Bitcoin бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим

дароварда нашудааст, ширкатҳо метавонанд, онҳоро дар сабти баҳисобгирии худ инъикос накунанд ва аз ин рӯ, андоз пардохт наменамоянд.

Инчунин, шахсони воқеӣ метавонанд, ҳангоми пардохт бо bitcoins андоз пардохт накунанд, то он даме, ки қонунгузории танзими муомилоти криптовалютҳо ба вуҷуд наояд. Ҳукумат дар самти тағйир додани иқтисоди рақамӣ бо як қатор мушкилот рӯ ба рӯ аст. Вазифаи асосӣ ва муҳимтарини ҳукумат таъмини амнияти пурраи шаҳрвандон дар воқеияти виртуалӣ мебошад. Бояд қайд кард, ки доираи хизматрасониҳои давлат бояд васеъ карда шуда, бо пайдоиши навовариҳо ҳамқадам бошад.

## АДАБИЁТ


1. Tapscott D. Macrowikinomics: Rebooting Business and the World / D. Tapscott, A.D. Williams. N.Y., 2010
2. Манахова И.В. Потребление в информационной экономике- М.: МАКС- Пресс, 2014- 286 с.
3. Лопатина Н.В. Информационная инфраструктура общества: современные проблемы функционирования и развития // Информационные ресурсы России, 2014. № 2. С. 13-15.
4. Авдеева И.Л. Новые формы развития информационных Национальные интересы, приоритеты и безопасность. М.: ФИНАНСЫ и КРЕДИТ, 2017. - Том 13 -№4. - С. 760-772.
5. Полянин А.В. Тенденции и прогнозы экономического роста для российской экономики: региональный аспект // Среднерусский вестник общественных наук, 2017. - Т. 12. - № 3. - С. 53-63.
6. Самостроенко Г.М. «Цифровое» наследство как фактор развития предпринимательства в области защиты персональных данных // Среднерусский вестник общественных наук, 2017. - № 1(12). - С. 252-258,


## АННОТАЦИЯ

## ХАРАКТЕРИСТИКИ, ЗАДАЧИ, ОРГАНИЗАЦИОННЫЕ ПРОБЛЕМЫ И ПРОГРАММЫ РАЗВИТИЯ ЦИФРОВЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В СИСТЕМЕ ЭКОНОМИЧЕСКОГО УПРАВЛЕНИЯ


Цифровая технология перестала быть в новинку, она уже превратилась уже в неотъемлемую часть деятельности человека. В свою очередь перед отдельными личностями, организациями и государством стоит задача адаптироваться и правильно использовать новые технологии. Рассмотрен процесс постепенного проникновения в «виртуальную реальность». Выделены главные цели Правительства для успешного и безопасного управления государством.



***Ключевые слова:*** *цифровая экономика, цифровизация, электронное правительство, государственное управление.*


## ANNOTATION

## CHARACTERISTICS, TASKS, ORGANIZATIONAL PROBLEMS AND PROGRAMS FOR THE DEVELOPMENT OF DIGITAL TECHNOLOGIES IN THE ECONOMIC MANAGEMENT SYSTEM


Digital technology has ceased to be a novelty, it has already become an integral part of human activity. In turn, individuals, organizations and the state are faced with the task of adapting and using new technologies correctly. The process of gradual penetration into "virtual reality" is considered. The main goals of the Government for the successful and safe government of the state are highlighted.



***Key words:*** *digital economy, digitalization, e-government, public administration.*